«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_________________ Сафарзода М.В.
«____» ____________ 2025 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Муродзода Аҳмадхон Амрохон зери унвони «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» 4 июни соли 2025 дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои додани тақриз чун муассисаи пешбар баррасӣ гардид.

Дар муҳокимаи диссертасия доктори илмҳои таърих, профессор, М.Х. Абдуллоев, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор П.С. Назарзода, номзади илмҳои таърих, дотсентон Суфиев С.Н, Азамов Х.С., Сафаров Х.Х., Холмуродзода М.Б., Файзов Р.Х., муаллимони калон Ватанзода Ш.В., Иброҳимзода З.И., Собирзода С.Р., Шамсияи Т., Бадалов И., Ҳусейни Б. ва унвонҷӯёну докторантони PhD ширкат карданд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбати худ, ки онро доктори илмҳои таърих, профессор М.Х.Абдуллоев таҳия кардааст, зикр мекунад, ки дар интихоби мавзуи таҳқиқоти докторӣ тардиде вуҷуд надорад ва диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон ба масъалаи таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV, ки дар замони муосир аз масъалаҳои мубрами халқи тоҷик маҳсуб мешавад, бахшида шудааст.

Ба муаллифи диссертатсияи доктории муяссар шудааст, ки дар муқаддима мубрам будан ва аҳамияти илмии мавзӯи мавриди таҳқиқро бо далоили мувассақ асоснок кунад, дараҷаи омӯзиши илмии масъаларо муайян намояд, ҳадаф ва вазоифи таҳқиқотро мушаххас созад, асосҳои назариявию методологӣ, заминаи сарчашмавии таҳқиқот, чаҳорчӯби замонӣ ва ҷуғрофиёӣ, объект ва предмети мавзуи таҳқиқшавандаро муайян карда, аҳамияти илмӣ ва амалии онро баён намояд.

Муаллифи диссертатсия мубрам будани равиши таърихнигориро дар баррасии масоили таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV барои муайян намудани дараҷаи баёни ҳақиқат дар осори илмии пажуҳандагон, корбурди дурусти усули илмӣ-татбиқӣ дар тафсири рухдодҳои он замон, ки маводи он аз сарчашмаҳои таърихии ин замон ва замони пасин гирифта мешавад, аз афзалиятҳое мешуморад, ки дар ин диссертатсия ба он таваҷҷуҳ шудааст.

Дар солҳои охир таърихи нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби иддае аз муаррихони хориҷӣ амдан бо таҳриф тасвир шуда, масъалаҳои таърихи ин қаламрав дар он даври таърихӣ ғайри ғайриилмӣ ва муғризона баён гардидаанд. Таҳқиқу баррасии илмии чунин асарҳо мубрам будани мавзуъро ҳам акнун бештар менамояд.

Ба ҳангоми таҳқиқ ба муаллиф муяссар шудааст, ки масоили таърихии калидии ин замонро мақсади асосии пажуҳиш дар назар бигирад ва бо иттико ба матолиби маъхазҳои таърихӣ ва осори илмии чеҳраҳои шинохташудаи таърихи ин замон авзои Мовароуннаҳру Хуросонро аз рӯи вуқуи ҳаводиси таърихӣ аз солҳои 40-уми асри XIV то авохири садаи XV замонбандӣ намуда, муҳтавои бобҳо ва зербобҳоро мутобиқ ба ин замонбандӣ мушаххас карда, бо усули муқоисавӣ таҳлил намояд. Ба ин васила муҳаққиқ вазоифи дар назди хеш дар масири таҳқиқ гузоштаро иҷро карда, тасвири комиле аз вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ,

иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросонро дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба вуҷуд овардааст.

Аҳамият ва арзиши илмии мавзуи интихобкардаи довталаби унвони доктори илмҳои таърих А.А.Муродзода боз дар он хулоса мешавад, ки муҳаққиқ дар таҳлилу баррасии масоили фавқуззикри таърихии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон на танҳо аз матолиби муҳими таърихии 114 манобеи таърихӣ мусмир истифода намудааст, инчунин ба ин сабаб ду сарчашмаи ниҳоят арзишманди таърихии ин замонро, ки яке ба қалами Низомуддини Шомӣ “Зафарнома” (-Душанбе.Эр-Граф, 2019.-488 с.) ва дигаре ба қалами Ибни Арабшоҳ “Зиндагии шигифтовари Темур” – “Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур” (-Душанбе, «ЭР-Граф», 2018.-400 с.) мутааллиқанд, ба расмулхати тоҷикӣ баргардон карда, ба доираҳои илмии кишвар пешкаш намудааст.

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд масоили мухталифи таърихи нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар асарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ матраҳ шуда, то андозае ҳалли худро ёфтааст, аммо то кунун масъалаи таърихнигории таърихи ин давра ба таври комил ва густурда мавриди таҳқиқ сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ навгонии ба дастовардаи муҳаққиқ пеш аз ҳама дар таҳлили муқоисавии матолиби манобеи таърихӣ роҷеъ ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ва муайян намудани дидгоҳи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ пиромуни рухдодҳои таърихии ин замон мебошад. Бояд иқрор шуд, ки муаллифони таърихномаҳои садаҳои миёна ба наҳве бо ҳокимони шаҳру вилоёт ё дарбори султонҳо ва амирони аҳди хеш робитае доштанд. Ин робита онҳоро во медошт, ки ағлаб аз баёни ҳодисаҳои бадномкунандае, ки дар маркази он султон ва ё амири вақт қарор дошт, имтино варзанд, аммо бо вуҷуди ин ҳодисаро тарзе баён менамуданд, ки хонандаи ҳушёр метавонист аз асли матлаб бохабар шавад. Муаллиф рафти шӯриши

сарбадорони Самарқанд, вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон то ба сари қудрат омадани Темур, раванди лашкаркашиҳои Темур ба Хуросон ва Эрон, вазъи кишоварзӣ ва илму фарҳанги Мовароуннаҳру Хуросонро дар аҳди Темур ва ворисонаш ба таври возеҳу равшан дар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва осори илмӣ бо ироаи маводи тозаёфт тасвиру таҳқиқ намудааст.

Муҳтавои диссертатсия дар панҷ боб ва ёздаҳ зербоб баён шудааст. Боби аввали диссертатсия “Бозтоби вазъи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 40-60-уми асри XIV дар осори ҳамзамонон ва пажуҳишҳои таърихӣ” унвон гирифта, дар зербобҳои он тавзеҳ ва таснифи манобеи таърихии истифодашуда, авзои нобасомон ва даргириҳои дохилӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон дар ин давр, кӯшиши дубораи зердасти худ қарор додани ин қаламрав аз ҷониби хонҳои муғулӣ ва муборизаи қаҳрамононаи сокинони Самарқанд, ки бо шиори Сарбадорони Хуросон “ё сари худро ба дор медиҳем ё аз истисмори муғулон озод мешавем” ба по хеста, бо номи Сарбадорони Самарқанд дар таърих шуҳрат ёфтанд, танвири худро ёфта, муаллиф муваффақ шудааст, ки масоили матраҳшударо мӯшикофона ҳаллу фасл намояд.

Боби дуюми диссертация “Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV” давраи ҳукумати Темурро фаро гирифта, муаллиф роҳҳои ба ҳокимияти сиёсӣ расидани Темурро баён карда, ваҳшониятҳои ӯ ва сипоҳи муғулиашро ба ҳангоми лашкаркашиҳояш, ки дар таърих бо номи лашкаркашии сесола, панҷсола ва ҳафтсола маъруфанд, тасвир кардааст. Темур қабл аз ҳама ҷанговару ҳокими муғулсират буд ва то ба охир ба идеяи давлатдории саҳроӣ муътақид монд. Хонҳои дастнишонда аз табори Чингизро болотар аз мақоми худ нишонда, аз номи онҳо дар идораи ҳукумат суйистифода мекард ва дар ин асос комилан собит аст, ки дини ислом барои Темур абзоре барои дастёбӣ ба аҳдофи сиёсӣ буд. Ҳамон Темур, ки дар Сурия ба унвони мудофеи халифаи чаҳорум Алӣ

ибни Абутолиб ва авлодонаш амал менамуд, дар натиҷа аҳли Сурия ӯро чун шиаи мубориз донистанд, аммо дар Хуросон ҷонибдорӣ аз тундгароии аҳли суннат намуда, дарвешони шиаи Мозандаронро ба далели тавҳини ёрони паёмбар муҷузот кард.

Баъд аз Чингиз дувумин чеҳраи бераҳму хунрези таърих Темур шинохта шудааст ва аз ҷаҳонкушоёни бузурги олам ҳеҷ касеро наметавон дар вайронии кишварҳо ва ба хоку хун кашидани мардум бо аъмоли Темур қиёс кард. Агарчи муаррихини ҳамзамони Темур ва аҳди пасинро ёрои он набуд, ки чеҳраи ростини ӯро ифшо созанд, аммо дар садаи бистум аз чеҳраи манфури ин даҷҷоли таърих парда барандохта шуд ва муаллифи ин рисола асарҳои дар ин мавзуъ навиштани ховаршиносон ва муаррихони саршиносро як-як таҳлил карда, дар зимн хулосаҳои мантиқӣ баровардааст.

Баъд аз вафоти Темур, чуноне ки интизор мерафт, қаламрави давлати ӯ ба ду қисмат ҷудо шуда, дар Мовароуннаҳр Халил султон ва дар Хуросон Шоҳрух давлатро идора менамуданд, ки ин раванд то соли 1409 идома ёфт. Муаллифри диссертатсия талошҳои Шоҳрухро дар амри ба ҳам овардани қаламрави Мовароуннаҳр ва Хуросон тасвир карда, менависад, ки замони ҳукумати Шоҳрух дар минтақа бештар бо пахш кардани ошубу исёнҳо сипарӣ гаштааст.

Боби сеюми диссертатсия ба инъикоси вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми садаи XV дар осори ҳамзамонон, таҳқиқотҳои таърихӣ ва ховаршиносӣ ихтисос ёфтааст. Баъд аз марги Шоҳрух воқеаҳое, ки баъди вафоти Темур рух дода буданд, иттифоқ афтод. Муборизаи барои тахту тоҷ миёни ягона писари зиндамондаи Шоҳрух – Улуғбек ва дигар бозмондагони хонадони Темурӣ оғоз шуд. Дар ин муборизаҳо Улуғбек, ки шаҳомат ва ҳайсияти давлатдорӣ надошт, шикаст хӯрда, билохира бо фатвои шайхону қуззоти Самарқанд ва ба яқин бо ризоияти писараш Абдулатиф ба қатл мерасад.

Мовароуннаҳру Хуросон ба арсаи ҷангҳои дохилии Темуриён табдил меёбад.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқи матолиби манобеи таърихӣ ва илмӣ сабабҳои машруият наёфтани ҳукумати Улуғбек баъд аз марги Шоҳрух дар Мовароуннаҳру Хуросонро муайян карда, менависад, ки Улуғбек ба ҳангоми ҳокимияташ дар Самарқанд бештар ба расму оини муғулӣ таваҷҷуҳ дошт, то ба шариати исломӣ ва ин боис шуд то дар муборизаҳои қудратхоҳӣ ноком монад.

Муҳаққиқ дар тавзеҳи вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 50-60-уми асри XV аз мудохилаи пешвои қабоили Дашти Қипчоқ Абдулхайрхон дар умури идории Мовароуннаҳр сухан мекунад. Ба кумаки Абдулхайрхон моҳи июни соли 1451 яке аз довталабони ҳукумат, набераи Мироншоҳ, Абусаид ба тахти Самарқанд менишинад ва бо ин марҳилаи дигаре дар таърихи давлатдории Темуриён оғоз мегардад.

Боби чаҳоруми диссертатсия “Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV дар манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқон” унвон гирифта, муҳаққиқ воқеаҳоеро баррасӣ мекунад, ки дар нимаи дувуми асри XV ба тақсим шудани қаламрави давлати Темуриён сабаб гардидаанд. Баъд аз вафоти Абулқосими Бобур дар соли 1457, ки ҳукумати Ҳиротро ва дар маҷмуъ Хуросонро дар ихтиёр дошт, мавқеи Абусаидро, ки дар Самарқанд менишаст, тақвият дод. Абусаид бисёр талошҳо кард, то тамоми сарзаминҳои як замон зери ҳукумати Темур ва Шоҳрух бударо таҳти фармони худ биёварад ва дар муддати кӯтоҳе ба ин мақсад ноил шуд.  Аммо лашкаркашии Абусаид ба ғарби Эрон барои ба зери итоат овардани ин қаламрав боиси шикаст ва қатли ӯ дар соли 1469 гардид. Оғози пошидани давлати Темуриён аз марги Абусаид шуруъ шуда, аз солҳои 70-уми асри XV то оғози асри XVI давлати як замон воҳид аз ду марказ - аз Самарқанд тавассути бозмондагони Абусаид ва дар Ҳирот аз тарафи султон Ҳусейн ва писаронаш идора мегардид.

Муаллифи диссертатсия дар хатми ин боб ба хулосае мерасад, ки поёнии асри XV ва оғози асри XVI таърихи Мовароуннаҳру Хурсон чун замони фурӯпошии империяи азими Темуриён мушаххас мешавад. Парокандагии сиёсӣ, буҳрони иқтисодӣ, тамоюл ба ҷудоиталабии баъзе аз вилоятҳо, ҷангҳои дохилии доимӣ байни Темуриён ба таври қобили таваҷҷуҳ қудрати сиёсии давлатро заиф кард ва ба тадриҷ заминаҳои ҳуҷуми қабилаҳои ҷангҷӯи Дашти Қипчоқро ба сарзамини Мовароуннаҳру Хурсон муҳайё сохт.

Дар боби панҷуми диссертатсия вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV баррасӣ мегардад. Муаллиф ба ин назар аст, ки новобаста ба амалиётҳои бераҳмонаю ғоратгаронаи Темур ва намояндагони хонадони ӯ ҳолати вазъи кишоварзӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон то як дараҷа ба эътидол меояд. Тамоми ашколи молиёт дар Мовароуннаҳру Хуросон, ки онҳоро муҳаққиқ як-як номбар мекунад, дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба манфиати табақаи ҳукумрони ҷомеа, соҳибони замину чарогоҳҳо ва чорводорони кучманчӣ равона шуда буд. Ситонидани андозҳои такрорӣ боиси харобии бештари вазъи иқтисодии косибон ва кишоварзон мегардид.

Роҷеъ ба вазъи фарҳангии ин давр муҳаққиқ ахбори манобеи таърихӣ ва осори илмии дар замина навишташударо баррасӣ карда, ба хулосае меояд, ки фарҳанги моддӣ ва маънавӣ дар замони мавриди пажуҳиш дар Мовароуннаҳру Хуросон то андозае рушд карда буд. Илмҳои таърихнигорӣ, нуҷум, тиб, риёзиёт, адабиёт ва ҳунари рассомӣ, наққошӣ ва меъморӣ назар ба асрҳои гузашта хеле пеш рафта, сохтмони мадрасаҳо, работҳо, хонақоҳу масҷидҳо, шифохонаҳо ва ҳаммому ҳавзҳо ва пулҳо, қасру кушкҳо, тиму дӯконҳо ба авҷи тараққии хеш расидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, хулосаҳоеро, ки аз таҳлили маводи сарчашмаҳои хаттӣ

ва осори илмӣ баровардааст ва он мазмуни кулли таҳқиқотро фаро мегирад, бо тариқи замонбандӣ мураттаб гардонидаст.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқу баррасии ҳамаҷониба ва маҷмуии мавзуи интихобшуда, ба доираҳои илмӣ ворид намудани далелҳо ва маълумоти нав аз манбаъҳои таърихӣ хеле назаррас аст.

Дар таърихнигории таърихи халқи тоҷик таҳқиқоти диссертатсионии Муродзода А.А. «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои аввалин бор бар асоси манобеи хаттӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ авзои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба таври маҷмуӣ баррасӣ мешавад.

Муқаррарот ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмии бонуфуз дарҷ ёфта, маърузаю гузоришҳо дар симпозиум ва конфронсҳои илмӣ пешниҳод ґардидаанд.

Муҳтавои диссертатсия дар шакли фишурда дар автореферат баён шудааст, ки мубрам будани мавзуъ, мизони таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии он, навоварӣ ва муқаррароти илмии барои дифоъ пешниҳодшуда ва ғайра инъикоси худро ёфтаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба дастовардҳои илмӣ ва бартариҳои диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда, мисли ҳама гуна таҳқиқоти илмӣ дар диссертатсияи доктории А.А. Муродзода баъзе камбудиҳо ва эродҳо ба назар расид:

1.Муаллиф дар баррасии шӯриши Сарбадорони Самарқанд менависад, ки Муинуддини Натанзӣ дар асари худ ривоятҳоеро ҷой додааст, ки дар таърихномаҳои расмӣ во намехӯранд. Аммо аз ин ривоятҳо иқтибосе намеоварад (72).

2. Дар матни рисола дар баргардонии солҳои қамарӣ ба милодӣ гоҳе бе таваҷҷуҳӣ шудааст. Масалан баҳори соли 767 ҳ.қ. соли 1366 нишон дода шудааст (74), дар сурате ки ин сана мусодиф ба ноябр-

декабри 1365 аст; 12 рамазони соли 771-ро муаллиф 27 апрели соли 1370 зикр кардааст (82); дар асл 12 рамазони соли 771баробар ба 9 апрели 1370 мебошад.

3. Муаррихон ё воқеанависони асрҳои миёна, мисли Хондамир (201), Мирхонд ва Абдураззоқи Самарқандиро (205) муаллифи диссертатсия гоҳе чун муҳаққиқ зикр мекунад, ки он норавост.

4. Гоҳе иқтибосҳо дар матн ноқис мондаанд (206-207), ки он шояд дар асари таҳрир сурат гирифта бошанд.

5. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз иштибоҳоти граматикӣ ва услубӣ орӣ нест.

Эродҳои гирифташуда таъсире ба арзёбии мусбати кулии диссертатсия надорад, балки танҳо моҳияти чандвачҳӣ ва печидагии масъалаи мавриди баррасиро нишон медиҳад. Навовариҳои илмӣ бо истидлол ба андозаи кофӣ ироа ва пешниҳод гардидаанд. Ҳадаф ва вазоифи дар назди худ гузоштаро муаллиф муваффақона анҷом дода, бо баррасӣ ва натиҷагириҳои хеш дар мавзуи таърихнигории Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV метавонад саҳми қобили таваҷҷуҳе дар илми таърихнигории ватанӣ дошта бошад.

Диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» як асари илмии воҷиди шароит аст, ки бо матолиби воқеӣ ва натиҷагириҳои илмӣ метавонад мабонии назарӣ ва амалӣ барои таҳқиқотҳои баъдӣ дар мавриди таърихи халқи тоҷик бошад ва бешубҳа, он холигии мавҷуд дар таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-ро пур мекунад.

Сохтори диссертатсия ва ироаи матолиб мутобиқ бо талабот ва меъёрҳои Комиссияи олии аттестатсионии Тоҷикистон барои навиштани рисолаҳои докторӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионии Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ кори мустақилонаи анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Тақризи расмӣ дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ (протоколи № 11 аз 4 июни 2025) баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илмҳои таърих, дотсент**
**мудири кафедраи таърихи**
**халқи тоҷики Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ** **Суфиев С.Н.**

**Эксперт:**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессори кафедраи таърихи**
**халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ** **Абдуллоев М.Х.**

**Котиби ҷаласа:**
**номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи А.Рӯдакӣ** **Сафаров Х.Х.**

Суроғаи расмӣ:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел.: (+83322) 2-35-06
Почтаи электронӣ: inafo@kgu.tj.

Имзоҳои М.Х.Абдуллоев, Суфиев С.Н., ва Сафаров Х.Х.–ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Давлатов М.А.